## ТАКРИЗИ

ба автореферати Назирзода Рамазон Сафар "Интродуксияи буттаҳои ороишӣ (Weigela Thunb. Ва Clematis L.) барои кабудизоркунии шаҳри Душанбе", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01. – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

Дар масалаҳои беҳбудии муҳити зисти инсон растаниҳои ороишӣ нақши асосиро мебозанд, махсусан дар шаҳрҳои калон монанди ш. Душанбе. Дар ин масъала дар ҳудуди ш. Душанбе, боғҳо, хиёбонҳо ва ғайра гуногунии дарахтони ороишӣ на он қадар дуруст ба роҳ монда шудааст. Аз ин ру, кори диссертатсионии Назирзода Рамазон Сафар актуалӣ мебошад.

Натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф аз руи нишондодҳои ботаникӣ метавонад дар ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон паҳн карда шавад ва растаниҳои пешниҳодшуда барои кабудизоркунӣ ба реестри давлатӣ дохил карда шаванд, ки ин натиҷаи хуби муаллиф ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои асосии авлоди Weigela дар он аст, ки баргаш сохти дорсивентралӣ дорад, масома дар қисмҳои поёнӣ ҷой гирифтааст, ки асоси хусусияти хоси ин намуди дарахти ороишӣ ба ҳисоб меравад. Намудҳои омӯхташуда, аз рӯи баҳодиҳии интродуксионӣ ба гурӯҳи якум мувофиқ меоянд ва ба хунукии зимистон устувории баланд доранд, ки ин хусусияти фоиданоки ин гурӯҳи растаниҳои ороишӣ мебошад. Ар руи ҳисоботҳои муаллиф, самаранокии иктисодии парвариши намуди Weigela 93 фоизро ташкил медиҳад ва барои истифоа намудан, дар боғҳои ш. Душанбе хеле хуб мувофиқ аст.

## ХУЛОСА

Рисолаи илмии Назирзода Рамазон Сафар "Интродуксияи буттаҳои ороишӣ (Weigela Thunb. Ва Clematis L.) барои кабудизоркунии шаҳри Душанбе", ба талаботи бандҳои Низомнома дар бораи додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 06.01.01. – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, мебошад.

Мудири озмоишгоҳи биотехнология
ва биологияи молекулавии Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растаниҳои
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
д.и.б.,(03.01.04 – биохимия) профессор, узви вобастаи АМИТ Алиев К.

**Суроға:** 734017, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Карамов, 27
Телефон: (992 372) 224-71-88, 224-43-57
**Почтаи электронӣ:** lab.gen@mail.ru

Шӯъбаи кадрҳо / Отдел кадров
Подпись ... заверяю
Ст. инспектор О...
„14" 06 2023